# МАВЗУИ 5. ТАШКИЛИ ИДОРАКУНИИ ЭТИКӢ ВА МАСЪУЛИЯТИ ИҶТИМОИИ ТАШКИЛОТ

*1. Рафтори шахсӣ дар самти ташкили идоракунии ташкилот*
*2. Кодекси маънавӣ – рамзи идоракунии ташкилот*
*3. Меъёрҳои этикии менеҷмент*
*4. Сифатҳои фарқкунандаи ӯҳдадориҳои иҷтимоӣ*

## 1. Рафтори шахсӣ дар самти ташкили идоракунии ташкилот

Аксари менеҷерон барои беҳтар кардани муҳити этикии корхона, инчунин баланд бардоштани моҳияти масоили иҷтимоӣ диққати зиёд медиҳанд. Онҳо намехоҳанд, ки рӯзе дар назди ҳомиёни қонун мавқеи ҳимоятгариро дошта бошанд. Чи хеле ки коршиносони бахши менеҷмент қайд мекунанд: «Менеҷмент бояд чунин шароитро ташкил карда, вазъиятеро нигоҳ дорад, ки одамон худро ҳамчун одамони комилҳуқуқ нишон дода тавонанд». Бинобар ин, роҳбарияти ташкилот бояд тарафҳои маънавии фаъолияти менеҷеронро бо истифода аз усулҳои зерин назорат намояд:

- усули рафтори шахсӣ;
- кодекси маънавӣ;
- сохтори гуногуни этикӣ.

***Рафтори шахсӣ.*** Ассотсиатсияи америкоии роҳбарони олии 250 ширкати калонтарин ҳисоботи «Мизи мудаввари бизнес»-ро оид ба сиёсати этикӣ ва таҷрибаи аъзоёни худ менависанд, ки «Оиди ҳалли ин масъала ягон қувва ба қувваи фаъолияти менеҷмент баробар шуда наметавонад».

Директорон ва менеҷерони калони ташкилот бояд кушоду равшан ва бо боварӣ меъёрҳои рафтори этикиро дастгирӣ намуда, худашон бояд пешвоёни арзишҳои нави этикӣ гарданд. Тарафдории меъёрҳои этикӣ будани худро дар вақти баромадҳо, ҳуҷҷатҳои ҷорӣ ва директивии ташкилот нишон диҳад. Агар менеҷер меъёрҳои этикиро бо мақсади фоидаҳои муваққатии худ истифода намояд, онгоҳ ин рафтори ӯ тез дар корхона паҳн мешавад, чунки ҳайати корхона хело хуб рафтори ҳар як менеҷерро медонад ва баҳо медиҳанд. Бо роҳи қасамҳои зиёди дурӯғ ҳеҷ гоҳ менеҷер соҳиби меъёрҳои этикӣ намегардад. Бинобар ин ягона сарчашмаи муҳити

этикии корхона ин рафтори роҳбарияти корхона мебошад.

## 2. Кодекси маънавӣ – рамзи идоракунии ташкилот

***Кодекси маънавӣ*** – ин пешниҳоди шакли хаттии арзишҳои этикӣ ва иҷтимоии корхона мебошанд, ки бо мақсади ба ҳар як коргар расонидани қоидаҳо ташкилот риоя мекунад. Кодекси маънавӣ дар асоси қоидаҳои ташкилот тартиб дода шуда, дар он сиёсати ташкилот нишон дода мешавад. Сиёсати ташкилот, ин тартиботи фаъолияти корхона ва аъзоёни он дар шароитҳои конкретии ҳолатҳои этикӣ ва маънавӣ, риояи қонун, ҳавасмандии коргарон, имкони якхела ба коргарон мебошад.

***Кодекси маънавӣ*** муайян мекунад, ки ҳақиқатпарастӣ ва этика дар зоҳири ҳар як шахс вуҷуд дорад ё ин ки не. Бинобар ин баъзе шахсон рафтори этикӣ доранд, дигарон инро надоранд. Барои он, ки ҳақиқатпарастӣ ва этика рамзи ташкилот гардад, ҳар як аъзои корхона бояд барои ноил гаштан ба он ҳаракатҳои зеринро иҷро намоянд:

- ҳақиқатпараст будан ва дар ҳама муносибатҳо дар боварӣ будан;
- иҷро кардани ҳамаи вазифаҳое, ки дар назди мо гузошта шудааст ва боз ӯҳдадорӣ гирифтан;
- ҳақгӯӣ ва қоил будан ба он чизе, ки мегӯем ва менависем;
- ҳамкории ташаббускорона ва ёрӣ расонидан ба ҳамкорон дар ҳама маврид;
- муносибати оқилона ва ҳақиқатпарастӣ нисбат ба ҳамкорон, харидорон ва дигар шахсон;
- дар тамоми фаъолиятҳо қонунро риоя намудан;
- ба ташкилоти худ содиқона хизмат кардан, қувваро барои беҳтар кардани сифати зиндагӣ дар ҷаҳоне, ки мо зиндагонӣ мекунем равона кардан.

## 3. Меъёрҳои этикии менеҷмент

***Сохтори этикӣ.*** Ба сохтори этикӣ системаҳои гуногуне шомил мебошанд, ки ба воситаи онҳо ташкилот рафтори коргаронашонро ба қоидаҳои маънавӣ ҳавасманд мегардонанд. Дар баъзе ташкилот кумитаи доир ба этика ташкил мешавад, ки дар он

гурӯҳи роҳбарони табақаи болоӣ риояи қоидаҳои этикиро назорат карда, қарорҳо қабул менамоянд. Шахсоне, ки ин меъёрҳоро вайрон мекунанд, ҷазо дода мешаванд.

Инчунин системаҳои дигари сохтори этикӣ вуҷуд дорад, ба монанди барномаҳои таълимӣ, семинарҳо ва конференсияҳо, ки ба масъалаҳои этикӣ нигаронида шудаанд.

***Асосан ба сифати меъёрҳои этикии менеҷмент дохил карда мешавад:***

- роҳ надодан ба гурӯҳбандии синфӣ, миллӣ ва нажодӣ;
- эҳтиром ба занҳо, баробарҳуқуқӣ бо мардҳо;
- эҳтиром ба мӯйсафедон ва собиқадорон;
- эҳтиром ба ҳокимият ва роҳбарон;
- эҳтиром ба меҳнати дигарон;
- ҳамдардӣ ба бадбахтии дигарон;
- ҳаракат ба тозагӣ ва тартибот;
- тарзи зебои либоспӯшӣ.

***Вайронкунии меъёрҳои этикӣ омилҳои зеринро дар бар мегирад:***

- беэҳтиромӣ ба меҳнати дигарон;
- беэҳтиромӣ ба фикри дигарон;
- беэҳтиромӣ ба илм, маълумот ва таҷрибаи дигарон;
- вайронкунии қоидаҳои рафтори ҷамъиятӣ;
- муҳокимаи сифати одамон дар ғайби онҳо.

Ӯҳдадории бевоситаи менеҷер даъват намудани ҳайати корхона ба рафтори этикӣ аст. Барои ин бояд, ки дар шакли системавӣ корҳо оиди омӯзиш, ташкил ва банақшагирии тарбияи этикии ҳайати корхона ташкил карда шаванд. Чуноне ки дар боло қайд намудем, дар корхонаҳо комиссия, комитетҳо доир ба этика ташкил карда мешавад.

## 4. Сифатҳои фарқкунандаи ӯҳдадориҳои иҷтимоӣ

Дар баробари риоя кардани меъёрҳои этикӣ менеҷер боз ӯҳдадориҳои иҷтимоиро дорад: ихтиёран дар ҳалли масоилҳои иҷтимоӣ иштирок менамояд. Ӯҳдадориҳои иҷтимоӣ як қатор сифатҳои фарқкунандаи худро доранд:

***1. Мураккабӣ.*** Бо сабаби он ки масъулиятҳои иҷтимоӣ меъёрҳои аниқи ҳуқуқӣ ва дастурамалҳои алоҳида надоранд,

бинобар ин менеҷерон ба иҷрои онҳо тайёрии хуб надоранд.

***2. Натиҷаҳои номаълум.*** Аксари ҷанбаҳои иҷтимоӣ базаи қонунии кифоя надоранд, мисол: ёрдамҳои беғаразона, ташкили чорабиниҳои идона, бинобар ин ба менеҷерон аксар маврид натиҷаи иқтисодии он маълум намебошад. Ин боиси он мегардад, ки аксар вақт менеҷер аз ин корҳо даст мекашад.

***3. Аз даст додани рақобатнокӣ.*** Хароҷоти зиёд дар бахши иҷтимоӣ, саҳми менеҷеронро ба арзиши аслии маҳсулот зам мекунад, ки дар натиҷа арзиши аслии он баланд шуда, нархи мол низ баланд мегардад ва бо ҳамин моли корхона аз моли рақибон дида қимат мешавад ва ба савдо намеравад.

***4. Қафо мондан аз мақсадҳои асосии менеҷмент.*** Корхона ба барномаҳои бемаблағи иҷтимоӣ кор карда, аз мақсади асосии худ - гирифтани фоидаи зиёд даст мекашад. Дар натиҷаи ин дасткашӣ ба маҳдудияти истеҳсоли баъзе маҳсулот оварда, корхонаро аз бозор мебарорад.

***5. Таъсири омили маънавӣ.*** Ҷорӣ намудани барномаҳои иҷтимоӣ таъсири маънавии ҷамъиятиро бештар месозад ва корхона маҷбур мешавад, ки аз мақсади иқтисодию бозории худ даст кашад.

***6. Захираҳои иловагӣ.*** Чорабиниҳои иҷтимоӣ фақат бо воситаи ҳамон захираҳое ҷорӣ карда мешаванд, ки дар ҳамон ҳолат зарур мебошанд.

***7. Имкони гирифтани имтиёзҳои давлатӣ.*** Чорабиниҳои иҷтимоӣ аз тарафи давлат дастгирӣ карда мешаванд ва ташкилоте, ки ба ин корҳо машғул мешаванд, аз тарафи давлат баъзе имтиёзҳо мегиранд (аз баъзе андозҳо озод карда мешаванд, ё худ андозро бо фоизи имтиёзнок месупоранд).

***8. Муҳити хуби соҳибкорӣ ва маблағгузорӣ.*** Фаъолияти иҷтимоии корхона эътибори корхонаро дар назди ҷамъият ва соҳибкорон мебардорад ва барои банақшагирии стратегии ташкилот шароити хуб пайдо месозад.

***9. Имкони интихоби барномаҳо.*** Менеҷере, ки интихоби озоди барномаҳои иҷтимоӣ мекунад, аз ҳисобот озод мебоша